«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти масъалаҳои об,
гидроэнергетика ва экологияи АМИТ,
д.и.т. Ғулахмадзода А.А.

_____

«16» апрели 2026 с.

ХУЛОСАИ

ҷаласаи васеи муштараки шуъбаи экологияи Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ ва кафедраи "Бехатарии фаъолияти инсон ва экология"- и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ба дисертатсияи Раҷабзода Гуландом Раҷаб дар мавзуи "Таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе"

Диссертатсияи **Раҷабзода Гуландом Раҷаб** дар мавзӯи ***"Таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе"*** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисосӣ 2.9. Бехатарии фаъолияти инсон ва ҳифзи муҳити зист (2.9.6. Экология) дар шуъбаи экологияи Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ ва кафедраи "Бехатарии фаъолияти инсон ва экология"- и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Раҷабзода Г.Р. аз соли 2020 то инҷониб дар Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ҳайси унвонҷӯ фаъолияти илмӣ намудааст (фармоиши №83/1 аз 30.09.2020).

Раҷабзода Гуландом Раҷаб соли 1997 ба факултети иқтисодиёти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз рӯйи ихтисоси «Менеҷменти истеҳсолӣ» дохил шуда, онро соли 2008 бо дипломи аъло хатм намуд. Фаъолияти меҳнатии худро аз соли 2008 то 2010 дар ҶДММ "Бахт" ш. Душанбе ва аз соли 2011 то инҷониб муаллимаи кафедраи бехатарии фаъолияти инсон ва экологияи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ идома дода истодааст.

Мавзӯи кори диссертатсионии Раҷабзода Г.Р. "Тағйирёбии иқлим вобаста ба таъсири партовҳои нақлиёт дар ҳавои атмосфера (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" ва роҳбари илмии унвонҷуй доктори илмҳои техникӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ Кобулӣ Зайналобиддин Валӣ тасдиқ карда шуд (Иқтибос аз суратҷаласаи №9, аз 29.09.2020).

Бинбар вафоти бармаҳали роҳбари илмии унвонҷуй, мавзӯи кори диссертатсионии Раҷабзода Г.Р. "Таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе" ва роҳбари илмӣ, Бобоев Ҳақназар Бобоевич - н.и.т., и.в. дотсенти кафедраи "Бехатарии фаъолияти инсон ва экология"- и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик

М.С. Осимӣ, аз нав ба расмият даровапда шуд (фармоиши №221 аз 08.12. 2025).

Рачабзода Г.Р. имтиҳоноти минимуми номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (17.06.с.2021), таърих ва фалсафаи илм (15.06.с.2024) ва экология (14.01.с.2026) бо баҳои хубу аъло супоридааст (шаҳодатномаи №1145 аз 31.12.2025).

Диссертатсияи Рачабзода Гуландом Рачаб дар мавзуи «Таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе» ба масъалаҳои мубрами муосири илмӣ экологӣ бахшида шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Мақсад ва вазифаҳои диссертатсия амалан иҷро гардида, тавсияҳои пешниҳодгардида аз назари илмӣ асоснок шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи муштараки шуъбаи экологияи Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ ва кафедраи бехатарии фаъолияти инсон ва экологияи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ муҳокима гардида, дар асоси ҷаласаи мазкур (протоколи №4 аз 15.04. 2026 с.) ба расмият дароварда шуд. Ба диссертатсия аз ҷониби **муқарризон**: номзади илмҳои техникӣ, ходими калони илмии озмоишгоҳи “Сифати об”-и Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ Эмомов К.Ф. ва номзади илмҳои география, директори иҷроияи Маркази илмӣ-тадқиқотии экология ва муҳити зисти Осиѐи Марказии АМИТ Гулаёзов Маҷид Шоназарович мавриди омӯзиш ва баррасии ҷиддӣ ва баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия дода шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Рачабзода Г.Р. дар мавзӯи “Таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе” чунин хулосаҳо қабул гардиданд:

- номи мавзуъ ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси 2.9.6. Экология мутобиқат мекунад;

- мавзӯи кори диссертатсионӣ ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, таҳти №503 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад;

- унвонҷӯ аз соли 2020 то инҷониб 13 мақолаҳои илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз он 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст. Дар шакли яккамуаллифӣ бошад 2 мақола ба нашр расонидааст, ки ба талаботи банди 35 меъёрҳои омодасозии диссертатсия мутобиқат мекунад;

- натиҷаҳои илмии кори диссертатсионии Рачабзода Г.Р. дар Корхонаи коммуналии воҳиди давлатии “Автобус-1” ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ татбиқ гардида, санади татбиқ дода шудааст;

- муаллиф дар интихоби мавзӯъ, таҳлил ва муайянкунии мушкилот вобаста ба таъсири ҷараёни нақлиёт ба ҳолати ҳавои атмосфераи ш.

Душанбе саҳм гузошта, барои таҳияи нақшаҳо ва барномаҳои рушди дарозмуддати системаи нақлиётӣ дар шаҳрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати коҳиш додани ҷараёни нақлиёт ва ифлосшавии ҳаво дар шабакаи кӯчаву роҳҳо тадбирҳои муосир пешниҳод намудааст. Натиҷаҳои амалии таҳқиқот метавонанд дар рушди меъморӣ, лоиҳаҳои шаҳрсозӣ ва банақшагирии кӯчаву роҳҳои шаҳрӣ дар ҷумҳурӣ истифода шаванд. Инчунин натиҷаҳои илмии таҳқиқот дар семинарҳо ва конфренсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба чоп расидааст.

Диссертатсия Раҷабзода Г.Р. дар мавзӯи "Таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе" ба сархати 3-и шиносномаи ихтисоси 2.9.6. Экология дар соҳаи нақлиёт, аз ҷумла ба бандҳои:

3.1. «Арзёбии ҳамаҷонибаи таъсири воситаҳои нақлиётӣ ва системаҳои нақлиёт (аз ҷумла марҳилаи сохтмон) ба экосистемаҳои табиӣ дар сатҳҳои гуногун»;

3.2. «Омӯзиши ифлосшавии ҷузъҳои муҳити зист (об, хок, ҳаво, растаниҳо) аз ҷониби воситаҳои нақлиёт ва воситаҳои техникии нақлиёт бо мақсади таҳияи меъёру стандартҳои аз ҷиҳати экологӣ асоснок оид ба паст ва ё бартараф намудани таъсири фаъолияти нақлиётӣ ба муҳити зист»;

3.8. «Ташаккул ва такмил додани системаи мониторингӣ экологӣ дар нақлиёт», мутобиқат мекунад.

Корӣ диссертатсионӣ аз пешгуфтор 4 боб, хулосаҳои асосӣ, замима ва рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 133 номгӯй иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 158 саҳифаи чопӣ иборат буда, 135 саҳифаи он матни асосӣ мебошад. Миқдори расмҳо 39 адад ва ҷадвалҳо 27 ададро дар бар мегирад.

Дар асоси маводи таҳқиқотии диссертатсия, 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд. Дар конфронсҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ 3 тезисҳои маърӯзаҳо пешниҳод карда шуданд. Як нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барои ихтироъкорӣ низ дарёфт шудааст.

Мундариҷаи таҳқиқ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

Мақолаҳое, ки дар маҷаллаи тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст:

1. **Норкулова Г.Р. [Раджабзода Г.Р.]** Методы исследования и национальный кадастр парниковых газов Таджикистана / Кобули З.В., Норкулова Г.Р., Зоиров Ф.Б. // Вестник ТНУ, Наука и инновация серия геологических и технических наук, №4. ТНУ, 2020 – С. 61-66, ISSN 2664-1534
2. **Норкулова Г.Р. [Раджбзода Г.Р.]** Выбросы парниковых газов для инвентаризации Республики Таджикистан / Шерализода М.У., Норкулова Г.Р., Зоиров Ф.Б. // Вестник ТНУ, Наука и инновация серия геологических и технических наук, №3. ТНУ, 2020. – С.114-125, ISSN 2664-1534
3. **Норқулова Г.Р. [Рачабзода Г.Р.]** Муайянсозии партовҳои газҳои гулхонаӣ ба ҳавои атмосферии ҳудуди шаҳри Душанбе аз манбаъҳои доимӣ

ва ҳаракаткунанда / Норкулова Г.Р. // Вестник Технологического университета Таджикистана №4(47) - 2021 – с. 80-87, ISSN 2707-8000

4. **Норқулова Г.Р. [Рачабзода Г.Р.]** Таъсири партовҳои нақлиёт ба ҳавои атмосфера ва афзалиятҳои газ ҳамчун навъи сӯзишворӣ / Азимов Д.С., Зоиров Ф.Б., Норкулова Г.Р. // Политехнический вестник. Серия Инженерные исследования. №1 (53) – 2021, С. 76-80, ISSN 2520-2227

5. **Норқулова Г.Р. [Рачабзода Г.Р.]** Тадқиқоти партовҳои нақлиёти ба ҳавои атмосферии ш. Душанбе / Норкулова Г.Р. // Вестник Педагогического университета. №2 (12-13) - 2021, С. 8-17, ISSN2707 - 9996

6. **Норқулова Г.Р. [Рачабзода Г.Р.]** Тадқиқи саҳми нақлиёт дар ифлосшавии ҳавои атмосферии шаҳри Душанбе / Норкулова Г.Р., Амирзода О.Ҳ //Вестник Технологического университета Таджикистана. №4/II(51)-2022, С. 28-33, ISSN 2707-8000

7. **Рачабзода Г.Р.** Динамикаи ҷараёни ҳаракати нақлиёти автомобилӣ дар хиёбонҳои Исмоили Сомонӣ ва Абуалӣ Ибни Синои ш. Душанбе/ Рачабзода Г.Р., Бобоев Ҳ.Б., Зоиров Ф.Б.//Паёми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон. Бахши техника ва ҷомеа. №1 (13) -2026, С. 53-59, ISSN 3105-7098

8. **Рачабзода Г.Р.** Мушкилоти таъсири воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ба вазъи экологии ш. Душанбе. / Рачабзода Г.Р., Абдурозиқов Э.А..//Паёми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон. Бахши техника ва ҷомеа. №1 (13) -2026, С. 48-53, ISSN3105-7098

Интишорот дар маводҳои конфронсҳои илмӣ:

1. **Норқулова Г.Р. [Рачабзода Г.Р.]** Сабаҳои асосии ифлосшавии атмосфера /Норкулова Г.Р., Ситамов С. // VII - Международная научно-практическая конференция "Перспективы развития науки и образования", посвященная 25-летию Независимости Республики Таджикистан и 60 - летию ТТУ имени академика М.С.Осими, Душанбе, 2016, С. 459-461

2. **Норкулова Г.Р. [Раджабзода Г.Р.]** Влияние автомобильных выбросов на экологическую среду города Душанбе /Норкулова Г.Р., Табаров Т.Х., Зоиров Ф.Б., Назарамонова Х.И. // VII - Международная научно-практическая конференция "Перспективы развития науки и образования", посвященной 25 – летию Независимости Республики Таджикистан и 60- летию ТТУ имени академика М.С.Осими, Душанбе 2016, С. 462-464

3. **Норқулова Г.Р. [Рачабзода Г.Р.]** Меъерҳои стандартии ЕВРО ва саҳми онҳо дар кам кардани ихроҷҳои партовии газҳои коркардшудаи муҳарикҳои автомобилӣ. /Саибов А.А., Махмадуллоев Д., Махмудова Ф.М., Норкулова Г.Р. // Конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Масоили муосири физика ва химияи полимерҳо" бахшида ба "75-солагии таъсисёбии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон" ва "Бистсолаи омузиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф. Душанбе-2023, саҳ.171-176, ISBN 978-99985-41-36-8

Ихтироъ дар мавзӯи диссертатсия

1. **Норқулова Г.Р. [Рақабзода Г.Р.]** Нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.03.2025 с № TJ 1629 «Иловаи зиддидудӣ». Душанбе: 2025.: Аризаи №2502073.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Рақабзода Г.Р. дар мавзӯи “Таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисосӣ 2.9. Бехатарии фаъолияти инсон ва ҳифзи муҳити зист (2.9.6. Экология) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Рақабзода Г.Р. дар мавзӯи “Таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисосӣ 2.9. Бехатарии фаъолияти инсон ва ҳифзи муҳити зист (2.9.6. Экология) бо дарназардошти бартараф намудани эроду пешниҳодоти таъкидшуда ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-091 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ барои ҳимоя тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи муштараки шуъбаи экологияи Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ ва кафедраи бехатарии фаъолияти инсон ва экологияи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ санаи 15.04.2026 с., протоколи №4 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд, ҳамагӣ 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 20, зид – “нест”, бетараф – “нест”.

Раиси ҷаласа,
ходими калони илмии шуъбаи экологияи
ИМО, ГЭ ва Э АМИТ, н.и.б. Қориева Ф.А.

Котиби ҷаласа,
ходими калони илмии шуъбаи экологияи
ИМО, ГЭ ва Э АМИТ Ҳомидов С.К.

Имзоҳои *Қориева Ф.А.* ва *Ҳомидов С.К.-ро* **тасдиқ мекунам**.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузорӣ Адамқулова С.С.